**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар мавзуи “Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишоии прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

Таҳқиқоти илмии Азамзода Акмал Азам таҳти унвони “Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мансуб мебошад. Диссертатсия дар доираи талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии давлатии талаботи академиро таъмин менамояд.

Масъалаи истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аз ҷиҳати назариявӣ, ин масъалаҳо ба таҳқиқи самаранокии усулҳои тафтишӣ, риояи стандартҳои ҳифзи далелҳо ва иҷрои вазифаҳои ҳуқуқӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо дахл доранд. Аз ҷиҳати амалӣ бошад, таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи техникаи криминалистикӣ бо мушкилоти гуногун рӯбару аст. Аз ҷумла, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ, сатҳи тайёрии касбӣ ва малакаи шахсони масъул, ҳамчунин мавҷудияти таҷҳизоти нав ва усулҳои муосир метавонанд самаранокии истифодаи ин воситаҳоро пурра созанд.

Навгониҳои таҳқиқот ба муайян намудани аҳаммияти баланд бардоштани ихтисос ва малакаи муфаттишон равона гардидаанд. Ҷорӣ

намудани курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва таҷрибаи амалӣ имконият медиҳад, ки малакаи касбии муфаттишон беҳтар шуда, натиҷаҳои тафтиш бо дарназардошти қонуният, шаффофият ва стандартҳои меъёрӣ таҳлил ва арзёбӣ гарданд. Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳа ва таҳлили ақидаҳои олимони гуногун нуқтаҳои назарии хоси худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Ҳамзамон, дар таҳқиқот таъкид карда мешавад, ки истифодаи техникаи криминалистикӣ бояд бо риояи ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва стандартҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ сурат гирад.

Аз ин нуқтаи назар, диссертатсия ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аҳамияти калон дошта, метавонад ҳамчун манбаи боэътимод барои таҳкими равандҳои тафтиши ҷиноят ва рушди илми криминалистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намояд.

Навгониҳои илмии таҳқиқ дар он зоҳир мешаванд, ки аввалин бор раванд ва хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ таҳлил карда шудаанд. Аҳаммияти таҳқиқ дар он аст, ки он на танҳо мушкилоти амалӣ ва сатҳи самаранокии истифодаи техникаи махсуси криминалистикӣ, балки масъалаҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ ва методологиро низ ба таври систематикӣ баррасӣ менамояд.

Ҳамзамон, аз ҷониби муаллиф таҷрибаи дохилӣ ва хориҷиро дар рисола муқоиса карда шуда, меъёрҳо ва усулҳои муосири тафтиши ҷиноятро таҳлил мекунад ва роҳҳои оптималии истифодаи техникаи криминалистикӣ барои муфаттишони прокуратураро муайян менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Хуб мешуд дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда, технологияи истифодабарии техникаи муосири криминалистикӣ бо мақсади тафтиши киберҷиноятҳо

мавриди таҳқиқоти мустақим қарор гирифта мешуд, ки ин барои боз ҳам мукамалгардонидани навгонии илмӣ таъсири мусби мерасонд.

Хулоса, диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар мавзуи "Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** Мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қаҳоров Н.М.

05.11.25

**Суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1. Кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Сомона: http://tsulbp.tj Телефон: +992 (3422) 2-38-11; Факс: +992 (3422) 2-38-11

ДДХБСТ
имзои Қаҳоров Н.М.-ро
тасдиқ менамоям
сардори шӯъбаи кадрҳо
Бобоев А.Х.